**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Алии Миёнаҷӣ маъруф ба «Айнулқузоти Ҳамадонӣ» (490-525ҳ. / 1096-1131м.) яке аз суханварони маъруфи аҳди Салҷуқиён мебошад, ки то ҳол рӯзгор ва осори адабии ӯ ба қадри лозим мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Агарчи баъзе аз муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс, А. Зарринкӯб, Р. Фарманиш, А. Усайрон, А. Мунзавӣ, Н.М. Ҳиравӣ, Ҳ. Баннопур, Н. Пурҷаводӣ, Қ. Ансорӣ, И. Умарзода, Н. Салимӣ, М. Нарзиқул ва дигарон дар зимни таҳқиқоти худ ба ихтисор аз аҳволу осори ӯ ёд намудаанд, вале то ҳол дар бораи «рӯзгор ва мероси илмию адабӣ, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадонӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ ва матншиносии «Номаҳо»-и ӯ дар адабиётшиносии тоҷик то ҳол ягон таҳқиқоти мукаммал ва монографӣ сурат нагирифтааст» (с. 7). Аз ин нигоҳ, рисолаи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» яке аз мавзуҳои тоза ва камомӯхташуда буда, то ҳол ҷойи чунин таҳқиқот дар адабиётшиносии тоҷик холӣ буд.

Диссертатсияи доктории Зоиров Ҳ. аз муқаддима, 4 боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, аз 382 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Дар **муқаддима**и диссертатсия оид ба мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгониҳои илмӣ,

нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ маълумот дода шудааст.

Боби якуми рисола **«Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ»** ном дошта, фарогири 4 фасл аст. Муҳаққиқ дар ин фаслҳо перомуни зиндагинома, мероси илмию адабӣ, осори гумшуда, осори мавҷуд ва осори мансуби Айнулқузот баҳс намуда, дар поёни ҳар як фасл хулосаҳои илмии худро баён кардааст. Муаллифи рисола бо такя ба сарчашмаҳои қадими форсию арабӣ ва осори худи суханвар бори аввал дар таърихи адабиёти тоҷик номи аслӣ, кунният, номи падар, лақаб, нисба, зодгоҳ, замони таваллуду шаҳодат, осори мафқуду мавҷуд ва мансуби Айнулқузоти Ҳамадониро муайян карда, ба ихтилофи назарҳо, ки миёни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ҷой доштанд, равшанӣ андохтааст. Аз таҳқиқоти Зоиров Ҳ. равшан мешавад, ки муаллифи рисолаи «Лавоеҳ», ки аксари муҳаққиқон онро аз ҷумлаи осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ медонистанд, дар асл таълифи Ҳамидуддин Муҳаммад ибни Атоуллоҳи Ногаврӣ, яке аз сӯфиёни қарни XIII буда, интисоби он ба Абдулмалики Вирконӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ дуруст нест (с. 18-19).

Боби дувуми диссертатсия **«Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** унвон дошта, аз 4 фасл ва 3 зерфасл иборат аст. Муаллифи рисола дар ин боб дар бораи пайдоиши хат ва оғози номанигории форсӣ-тоҷикӣ, расм ва оини тарассул, анвоъ ва мухтассоти номаҳои аҳди Сосониён, одоб ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён баҳс намуда, аҳди Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиёнро муҳимтарин давраи муншаотнависӣ, тараққӣ ва ривоҷи фанни номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ донистааст (с. 23).

Боби сеюми рисола **«Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ»**, ки аз 4 фасл ва 5 зерфасл иборат аст, дар хусуси сабк, усули номанигорӣ ва мавзуоти номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва фарқи онҳо аз расму одоби номанигории қарнҳои қаблӣ ва аҳди суханвар, мухтассоти наср, вижагиҳои забон ва услуби баёни номаҳои Айнулқузот,

корбурди зиёди калимаю иборахои арабӣ, истилохоти ирфонӣ, ояти Қуръон ва ҳуруфи муқаттаа дар «Номаҳо»-и ӯ, ҳамчунин дидгоҳи Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър, андешаҳои ахлоқию тарбиявӣ, чеҳраи Иблис, мафҳуми ишқ, истифодаи зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеӣ дар «Номаҳо»-и ӯ баҳс мекунад.

Боби чоруми диссертатсия, ки аҳамияти зиёди адабӣ ва матншиносӣ дорад, мавсум ба **«Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ»** буда, аз 5 фасл ва 3 зерфасл иборат мебошад. Муҳаққиқ дар ин боб дар атрофи нусхаҳои хаттӣ, хатоҳои матншиносии нашри савуми «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, аҳамияти «Номаҳо» ҳамчун сарчашмаи адабии қадим ва мунҳасир ба фард, ашъори форсӣ ва арабии Айнулқузот дар «Номаҳо», истишҳоди авромa, ашъори фаҳлавӣ ва байту таронаҳои халқӣ ва ғ. баҳс намуда, муаллифи аслии чанде аз мисраъҳои арабӣ ва абёти форсии истишҳодшудаи «Номаҳо»-ро бо такя ба сарчашмаҳои куҳан ва девони суханварон муайян кардааст.

Дар қисмати **хулоса**и диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқ дар 30 банд оварда шуда, аҳамияти «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи қадим ва беназир ҷиҳати тасҳеҳ, таҳия ва нашри нусхаҳои илмию интиқодии осори суханварони қарнҳои IX-XII таъкид гардидааст.

Дар баробари муҳассаноти зиёд автореферати рисола холӣ аз камбудӣ нест. Хуб мешуд, муаллифи рисола ному насаби муҳаққиқони хориҷиро ба таври комил меовард, на ба гунаи А. Тафаззулӣ, М. Баҳор, Р. Фарманиш, А. Зарринкӯб, А. Усайрон, М. Донишпажӯҳ, Қ. Ансорӣ, Н. М. Ҳиравӣ ва Ҳ. Довудӣ (с. 4, 5, 6). Гоҳе тарҷумаи тоҷикии ибороту ҷумлаҳои арабӣ оварда нашудаанд (с. 29). Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намесозанд.

Муаллифи рисола аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 65 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Афзун ба ин, Зоиров Ҳ. вобаста ба ҷанбаҳои

гуногуни рӯзгору осори Айнулкузоти Ҳамадонӣ, вижагиҳои адабиву услубӣ, нусхашиносӣ ва матншиносии «Номаҳо»-и ӯ, ҳамчунин пайдоишу таҳаввули номанигории форсӣ-тоҷикӣ дар беш аз сӣ ҳамоишҳои илмии сатҳи байналхалқӣ ва даҳҳо конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ширкат ва гузориш намудааст, ки аз саҳми ӯ дар таҳқиқи ин мавзуъ иттилоъ медиҳанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулкузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор ва арзанда мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ,
профессор, ҷонишини директори
Институти забон ва адабиёти ӯзбеки
Академияи улуми
Ҷумҳурии Ӯзбекистон: **Мақсуд Асадов Хусенович**

Имзои доктори илмҳои филологӣ, профессор, Мақсуд Асадов
Хусеновичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ӯзбеки
Академияи улуми
Ҷумҳурии Ӯзбекистон: **Дилором Раҳматуллаева**

Маълумот дар бораи иртибот:
Индекс, 100060, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шаҳри Тошкент
Суроғаи муассиса: Шаҳри Тошкент, кӯчаи Шаҳрисабз, бинои 5, ошёнаи дуюм

E-mail: uzlit @uzsci.net).
Телефон: (+998 71) 233-36-50
«7» майи соли 2024

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI FANLAR AKADEMIYASI O'ZBEK TILI, ADABIYOTI VA FOLKLORI INSTITUTI
DEVONXONA

"TASDIQLAYMAN"
O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI
FANLAR AKADEMIYASI
O'ZBEK TILI, ADABIYOTI VA FOLKLORI INSTITUTI
KADRLAR BO'YICHA NOZIR